Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004
наздиДонишгоҳи миллииТоҷикистон
бо суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 17

# Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Пирназарзода Диловар Маҳмадназар дар мавзӯъи “Мукаммалгардонии низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ” (дар мисоли корхонаҳои саноатии хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат)

Муаммаҳои тақвият бахшидани фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва бо ин васила мустаҳкам кардани иқтидори иқтисодии кишвар тадбирҳои муассир ва мушаххас роҳандозӣ актуали мебошад. Зеро, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла масолеҳи сохтмон, маъданҳои кӯҳӣ, истихроҷи ангишт бамаротиб боло рафта, дар ММД ҳиссаи назаррасро касб карданд. Рисолаи Пирназарзода Диловар Маҳмадназар ба халли ин масала бахшида шудааст.

Дар рисола ҷанбаҳои назариявию иқтисодии фаъолият ва рушди корхонаҳои саноатӣ, мафҳумҳои корхона, корхонаҳои хурд ва миёна, корхонаҳои саноатӣ ва саноат кушода дода шуда, аҳамияти онҳо дар рушди низоми иқтисоди миллӣ муайян карда шудааст (С.9).

Дар рисолаи номзади қайд карда шудааст, ки аҳмияти махсусро таҳлили шумораи корхонаҳои саноатӣ аз рӯи намудҳои асосии фаъолияти иқтисодии соҳаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон доро мебошад, зеро дар ин раванд мо муҳимияти саноати хӯрокворириро нисбати дигар соҳаҳои иқтисодӣ мушоҳида карда метавонем (С.14). Бо рақам ва далелҳои мушахас исбот карда шудааст, ки ҳиссаи истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти саноати сабук дар ҷумҳури калон аст (С.14).

Тартиб додани амсилаи барномаи корхонаҳои саноатии мутавозиншуда барои корхонаҳои саноатии хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахамияти зарури дорад (С.20).Дар қисми хулосавии автореферат Д.М.Пирназарзода кайд менамояд,кирушди корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ дар иқтисодиёти давлат мавқеи пешбарандаро ишғол менамояд, ки ин бо талаботи объективии инсон вобаста аст.

Ҳангоми ба муносибатҳои бозорӣ гузаштани Тоҷикистон нақш ва аҳамияти ин соҳа мунтазам меафзояд, ки ин ба бартарии функсияи истеъмолии ташкилот нисбат ба функсияҳои дигар оварда мерасонад (С.22).
Автореферати рисолаи мазкур бо доштани тарафҳои мусби, норасоиҳои илми ва баҳснок низ дорад.

1. Оиди корхона нависта шудаст,ки “...объекте мебошад, ки онро харидан, фурӯхтан ё бо тартиби муқарраркардаи қонун иҷора гирифтан (супоридан)

мумкин аст”. Ин факти маълум мебошад, хоҷати алоҳида қайд кардан лозим нест. (С.10).

2. Роҳҳои истифода бурдани таҷрибаи ҳориҷи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон додан, қимматии рисоларо баланд менамояд. (С.12)

Тадқиқоти диссертатсионӣ ба ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат), зербандҳои: 1.1.1. Асосҳои назариявӣ-молиявии иқтисодиёт ва идоракунии системаҳои иқтисодӣ дар саноат; 1.1.6. Рушди корхонаҳо (ташкилот); 1.1.7. Ташаккули механизмҳои тараққиёти устувори иқтисодиёти соҳаҳо, муҷтамаъҳо ва корхонаҳои саноатӣ; 1.1.18. Афзорҳо ва методҳои менеҷменти корхонаҳои саноатӣ, соҳаҳо ва муҷтамаъҳо; 1.1.19. Асосҳои назариявӣ ва методологии самаранокии тараққиёти корхонаҳо, соҳаҳо ва муҷтамаъҳои хоҷагии халқ мутобиқат менамоянд

Рисолаи илми дар васеъ намудани донишҳои назариявию амалӣ доир ба иқтисодиети саноат саҳми назаррас мегузорад. Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Пирназарзода Диловар Маҳмадназар дар мавзӯъи “Мукаммалгардонии низоми идоракунии корхонаҳои саноатӣ тибқи стандартҳои байналмилалӣ” (дар мисоли корхонаҳои саноатии хурд ва миёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ (иқтисодиёти саноат) мебошад.

Доктори
илмҳои иқтисодӣ, профессор
Директори ИИТ фанҳои дақиқ ва
табиатшиносии МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Қодиров А.Л.

735700, ш.Хуҷанд, хиёбони
Мавлонбеков 1, тел: (+992) 92 777-40-63

Имзои А.Л. Қодировро тасдиқ мекунам.
Сардори ШК МДТ “Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров” Ашрапова З.Н.